# Ҳар ки вузӯ гирад ва вузӯи худро ба хуби анҷом диҳад, пас ба намози ҷумъа ҳозир шавад, ба хутбаи ҷумъа хомӯшона гӯш фаро диҳад, гуноҳони байни он ҷумъа то ҷумъаи қаблӣ ва се рӯзи иловагӣ баъд аз ҷумъа бар он бахшида мешаванд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар ки вузӯ гирад ва вузӯи худро ба хуби анҷом диҳад, пас ба намози ҷумъа ҳозир шавад, ба хутбаи ҷумъа хомӯшона гӯш фаро диҳад, гуноҳони байни он ҷумъа то ҷумъаи қаблӣ ва се рӯзи иловагӣ баъд аз ҷумъа бар он бахшида мешаванд. Ҳар кас дар вақти хутба сангрезаеро ламс кунад, "лағв" кардааст, (яъне аҷру подоши ҷумъаи худро кам карда ва эҳтимолан аз даст додааст)."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки ҳар касе вузӯи комил бигирад, бо риояи рукнҳо, суннатҳо ва одобҳои он, баъд ба намози ҷумъа ҳозир шавад ва ба хутба хомӯшона гӯш фаро диҳад, гуноҳони кӯчакаш барои даҳ рӯз бахшида мешаванд: аз ҷумъа то ҷумъаи дигар, бо иловаи се рӯзи дигар, зеро як некиро даҳ баробар подош аст. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳушдор доданд, ки дилро бояд аз парешонӣ ҳангоми хутба нигоҳ дошт ва аз ҳар гуна коре чун бозӣ бо санг ё чизҳои дигар худдорӣ кард. Зеро ҳар касе ин корҳоро кунад, дучори "лағв" (кори беҳуда) мешавад ва ҳар касе дучори лағв шуд, аз аҷру савоби комили ҷумъа маҳрум мешавад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5433